«Тасдиқ мекунам»
ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И.

________________________

«_6_» _сентябри_ соли 2022

**ХУЛОСАИ**
**Шурои олимони факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ ба анҷом расидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Давлатов Назримад Муродзода соли 2012 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси «лингвистика ва муносибатҳои байнифарҳангӣ» хатм кардааст. Аз соли 2015 то соли 2018 ассистенти кафедраи услубшиносӣ ва назарияи тарҷума ва аз соли 2018 то ин ҷониб муаллими калони кафедраи мазкури Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият мебарад.

Давлатов Н. ба ҳайси унвонҷӯ соли 2018 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шуда, мавзуи номзадиаш таҳти унвони «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» дар Шурои олимони донишгоҳ аз 28-уми октябри соли 2020 таҳти рақами №3/6.7 тасдиқ гардидааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 15-уми июни соли 2022 аз ҷониби шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъйин гардидааст.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ чунин хулоса карда шуд:

Диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ аз 22.06.2022, № 14 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи мазкурро бо иштироки муқарризони холис – Ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар Душанбе доктори илмҳои филологӣ Мухторов З. ва номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Комилов М. баррасӣ ва муҳокима намуд.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода нахустин таҳқиқоти муфассал доир ба ошкорсозии хусусиятҳои типологии ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба шумор меравад. Ҳамаи паҳлуҳои мавзуи таҳқиқ дар заминаи маводи фаровони забонӣ аз ҷониби диссертант мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

**Мубрамияти мавзуъ**. Забон воситаи алоқаи байни одамон маҳсуб ёфта, дар ҷамъият нақши калидиро иҷро мекунад. Он муаррифгари ҳар як қавму миллат буда, ба воситаи он метавон аз тамаддуни халқҳои дигар огоҳӣ ёфт.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархурди тамаддунҳо ниёз ба омӯзишу таҳқиқи забонҳои хориҷӣ ба миён омад, зеро маҳз дар натиҷаи муқоисаву муқобала аз низому сохтори забонҳои бегона метавонем аз вижагиҳои фарқкунандаву ба ҳам монанди онҳо бархурдор гардем.

Барои беҳтару хубтар ба роҳ мондани ин раванд омӯзиши муқоисавии масъалаҳои мухталифи мансуби савтиёт, луғат ва сарфу наҳви забонҳои гуногуннизому гуногунсохтор мувофиқи мақсад аст.

Дар баробари калимаву ибора ҷумла низ воҳиди меҳварии наҳви ҳар як забон ба шумор меравад, зеро онҳо бо ҳам алоқаи мустаҳкам дошта, дар дохили ҷумла бо ҳам якҷоя омӯхта мешаванд. Ҷумла ва ҷумлаороӣ дар низоми наҳв мавқеи густурдаеро соҳиб аст, чунки таъмини мубодилаи афкор дар забон маҳз ба воситаи ҷумла имконпазир мегардад.

Забонҳои тоҷикиву англисӣ вижагиҳои гашаккули таърихии худро доранд, ки барои созмони ҷумлаҳои гуногун заминаи асосӣ ба шумор мераванд. Хусусиятҳои корбурди ҷумла, сохту таркиби ҷумлаҳои сода, роҳу усули шеваи баёни ҷумлаҳои сода, таснифоти ҷумлаҳои сода аз ҷиҳати оҳангу мазмун ва сохт, тарзи ташаккули ҷумлаҳои мураккаб ва воситаҳои дастурии онҳо, вазифа ва ҷойгоҳи ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб ва муродифоти онҳо аз муҳимтарин масъалаҳои наҳви забонҳои зикршуда мебошанд.

Яке аз воҳидҳои муҳимми наҳви забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷумлаи мураккаб буда, аз ду ва зиёда ҷумлаҳои сода созмон меёбад ва дорои ягонагии маъно, сохт ва оҳанг аст.

Ба ин тариқ, омӯзиш ва таҳқиқи типологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки ҳар яке аз лиҳози басомади генетикӣ ба оилаи гурӯҳҳои гуногун

мансубанд, дар ҳоли ҳозир хеле мубрам буда, дар шинохти амиқи забонҳои гурӯҳҳои эронӣ ва германии оилаи ҳиндуаврупоӣ метавонад мусоидат намояд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро** осори илмӣ-таҳқиқотии забоншиносони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла Ш.Ниёзӣ, Б. Ниёзмуҳаммадов, Н. Масъумӣ, Д. Тоҷиев ва Р.Набиева, А. Эшонҷонов, Ш. Рустамов, С. Атобуллоев, Ф. Зикриёев, Д. Хоҷаев ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**, қабл аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки ҷумлаҳои пайрави ҳол бори аввал дар забоншиносии муосири тоҷик дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ аз тариқи муқоиса мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Ин намуди ҷумлаи пайрав дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо такя ба пешояндҳо, пайвандакҳо ва калимаҳои ҳамнисбат вобаста бодарназардошти роҳҳои корбурди онҳо мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд.

**Мақсади таҳқиқот**, пеш аз ҳама, омӯзиш ва таҳлилу муқоисаи хосиятҳои мутафовити ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ба шумор меравад.

Дар таҳқиқи мавзуи мазкур як қатор вазифаҳо пеш гузошта шудаанд:

- омӯзиши муҳимтарин тағйиротҳо дар низоми таҳқиқи ҷумла;
- таснифи ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- муайян намудани вижагиҳои маъноии ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои таҳқиқшаванда;
- муайян кардани нақши воситаҳои алоқа дар сохтори ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои муқоисашаванда;
- муайян намудани тафовут ва умумияти ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- дарёфти роҳҳои ифодаи маъноии ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои таҳқиқшаванда.

**Аҳамияти назариявиву амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои таҳлилу баррасии мавзуи мазкур ба ҳалли як қатор масъалаҳои назариявии низоми наҳви забонҳои муқоисашаванда мусоидат намуда, нуктаҳои асосии он дар омода намудани барномаҳои таълимии мактабҳои олии кишвар ва таълими фанни типологияи муқоисавӣ ё курси махсус оид ба наҳви забонҳои тоҷикиву англисӣ тавсия дода мешавад.

**Мутобиқати диссетатсия бо шиносномаи илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» бо ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Доир ба мавзуи диссертатсия 14 мақолаи илмӣ нашр шуданд, ки 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

[1-М]. Давлатов Н. М. Хусусиятҳои фарққунандаи ҷумлаҳои пайрави тарзу амали забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М. Давлатов // // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, 2021.– № 4(93). – С. 120-126.

[2-М]. Давлатов Н. М. Нақши пайвандакҳо дар ташаккули ҷумлаҳои пайрави тарзи амали забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ/ Н. М. Давлатов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - Душанбе, 2020, №5 (88). – С. 27-31.

[3-М]. Давлатов Н. М. Хусусиятҳои корбурди ҷумлаҳои пайрав дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / Н. М. Давлатов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, 2020. – № 4 (87). – С. 88-92.

[4-М]. Давлатов Н. М. Роҳҳои корбасти пайвандакҳо дар созмонёбии ҷумлаҳои пайрави сабаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М. Давлатов // Гузоришҳои Академияи миллиии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2021, №4 (016) – С. 261-265.

[5-М]. Давлатов Н. М.,Ҷаматов С.С. Нақши калима ва таркибҳои ҳамнисбат ҳамчун воситаи алоқа дар ташаккули ҷумлаи пайрави миқдорудараҷаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М. Давлатов // Паёми Академияи миллиии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2022, №3

Диссретатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Ҷаласа пас аз баррасии масъалаи мазкур ва фикру андешаҳои баёнгардида

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида ва ба талаботи корҳои диссертатсионии аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррааргардида ҷавобгӯй мебошад.
2. Диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод карда шавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар таърихи 31 августи соли 2022 суратҷаласаи №1 қабул карда шуд.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд** 15 нафар. **Натиҷаи овоздиҳӣ. Натиҷаи овоздиҳӣ**: “тарафдор” – 15 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” - нест.

**Раиси Шурои олимони**
**факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқ**,
доктори илмҳои филологӣ,
дотсент

Каримов Шухрат Бозорович

**Муқarrизи холис**:
Ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар Душанбе доктори илмҳои филологӣ

Мухторов Зайниддин Мухторович

**Муқарризи холис**:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Комилов Мирато Миршаробович

**Котиби Шурои олимони факултет**:
муаллими калони кафедраи методикаи таълими забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ғуломов Наимҷон Хайрилоевич

“Имзоҳои Ш.Б.Каримов, З. Мухторов, М.М. Комилов ва Н. Х. Ғуломовро тасдиқ мекунам”
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТба номи Садриддин Айнӣ

Мустафозода Абдукарим

Нишонӣ: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: +992 224 13-83
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj
e-mail: info@tgpu.tj

02.09.2022